Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

The Government of Switzerland
Swiss Cooperation Office Tajikistan
Swiss Consular Agency in Tajikistan

Душанбе, **03.10.2023**

**Даъват барои иштирок дар озмуни дархостҳо (барои грант)**

Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон (ДШҲ) дар чорчубаи барномаи Осиёи Марказии соҳаи санъат ва фарҳанг озмуни дархостҳои маҳаллиро барои ду намуди грантҳо:

• **Грант барои дастгирии институтсионалӣ** ба дастгирии рушди ташкилот ва фаъолияти асосии муассисаҳои салоҳиятдори санъат ва фарҳанг равона карда шудаанд, ки барои фаъолияти озоди санъаткорон фазои муносиб фароҳам меоваранд, то ки онон асарҳои худро, ки ҳаёти иҷтимоиро, инчунин шаклҳои гуногуни ифодаи фарҳангӣ, ақидаҳо ва овозҳоро инъикос менамоянд, эҷод намоянд.

• **Грант барои дастгирии лоиҳа** ба ташкилотҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматии соҳаи фарҳанг, соҳибкасбони инфиродӣ ва инчунин гурӯҳҳои ташаббускор, барои татбиқи лоиҳаҳои кӯтоҳмуддати равияҳои гуногуни санъат ва фарҳанг, ки асарҳои бадеии инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба шумораи васеи шаҳрвандон дастрас менамоянд, пешниҳод карда мешаванд.

**Як довталаб метавонад фақат ба яке аз намуди озмунҳо дархост пешниҳод намояд.**

Мӯҳлати пешниҳоди дархост барои иштирок дар озмуни маҳаллӣ: **03 ноябри 2023, соати 17.00**
Маълумоти бештарро дар ҳуҷҷатҳои замимашуда пайдо намоед

**Озмуни минтақавии пешниҳодҳо:** бо мақсади дастгирии шабакаҳои минтақавӣ ва шарикӣ байни муассисаҳои санъат ва фарҳанг, ки дар Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон ҷойгиранд, дертар, моҳи октябри соли 2023 эълон карда мешавад.